**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филология Саидмуроди Хоҷазод ба диссертатсияи Ғоибов Саъдӣ Шокирович дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон» (дар мисоли нашрияҳои даврии водии Зарафшон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Мавзӯи диссетатсияи Ғоибов Саъдӣ Шокирович «Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон» (дар мисоли нашрияҳои даврии водии Зарафшон), дорои ду ҷанбаи муҳимми илмӣ аст: якум. дар он нақши нашрияҳои маҳаллии водии мазкур дар раванди бунёд ва ташаккули ҷомеа, тафаккур ва андешаи нав ба таҳқиқ гардидааст, дуюм, барои баррасӣ ва қиёси матбуоти даврии маҳаллии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва падид овардани фикри ягона оид ба нақши матбуотии даврии ноҳиявӣ дар кишвар илман мусоидат карда метавонад. Ба ин хотир, мавзӯи пажӯҳиш актуалӣ мебошад, зеро чунончи худи диссертант навиштааст: "дар замони муосир муносибат ба матбуоти маҳаллӣ тағйир ёфтааст. Бахусус шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба ин типи матбуоти даврӣ таъсир гузошт, муносибат дигар шуд. Муносибатҳои нав, аз як тараф, боиси рушди матбуоти маҳаллӣ гардид, аз сӯйи дигар, дар чоп ва интишори онҳо монеаҳо ба вуҷуд овард" (саҳ.3).

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима чун анъана муҳиммият ва мубрамияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳо, манбаъ, мавзӯъ,

методологияи таҳқиқ, асосҳои назарӣ, навгонии илмӣ, арзиши амалии мавзӯъ, нуқтаҳои меҳварии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хронологияи таҳқиқ равшану возеҳ баён гардидааст.

Аз ҷумла, муҳаққиқ дар "дараҷаи омӯзиши мавзӯъ" сабаби ба чор гурӯҳ дастабандӣ намудани адабиёти марбут ба матбуоти маҳаллӣ, хосса ба пажӯҳиши мавриди назар алоқамандро ба махсусият, доираи фарогирии мавзӯъ ва таркиби мухтаво марбут медонад. Ҳар яке аз ин гурӯҳҳо, минҷумла, осори дорои хусусияти қомусиву донишномаӣ, китобҳои дарсиву воситаҳои таълимӣ, рисолаҳои илмӣ ва илмиву оммавӣ, мақолаҳои идмию оммавие, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ бо зикри хислати маводи марбута асоснок гашта, чунин табақабанди бобати мушаххас намудани пайдарҳамии раванди пажӯҳиш нақши босазо мегузорад.

Сохтори диссертатсия низоми муайяни илмӣ дошта, тартиби таҳққи мавзӯъ барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмӯъ ҳосил шудани тарҳи комили пажӯҳиш мусоидат менамояд. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзӯъро фаро гирифта, ба ҳам алоқамандии мантиқӣ доранд.

Боби якум "Назаре ба таърихи матбуоти маҳаллии водии Зарафшон" унвон гирифта, дар фасли аввал "Омилҳои пайдоиш ва марҳилаҳои инкишофи нашрияи "Зарафшон"" сараввал мурури ба таърихи матбуоти тоҷик шуда, пасон омилҳои ба вуҷуд омадани матбуоти маҳаллӣ дар Тоҷикистон таҳқиқу баррасӣ шудааст. Тибқи пажӯҳиши диссертант "доир ба омилҳои ба вуҷуд омадани матбуоти маҳаллӣ байни муҳаққиқон ду ақида мавҷуд аст. Як гурӯҳ муҳаққиқон... бар он назаранд, ки ташкили матбуоти маҳаллӣ заминаи сиёсӣ дошт.

Гурӯҳи дигар бар он назаранд, ки ташкили матбуоти минтақавию маҳаллӣ, пеш аз ҳама, ба мақсади саводнок кардани мардум ба роҳ монда шуд ва бештар ба ин самт эътибор медод” (саҳ. 20). Зимни ҷамъбасти ақидаҳо хулосаи муҳаққиқ бар он асос меёбад, ки “дар иҷрои ин рисолат матбуоти даврӣ чандон пешдастӣ надошт... Бинобар ин, андешаи ба хотири саводнок гардонии мардум таъсис додани нашрияҳои даврӣ чандон асоси илмӣ надорад” (саҳ.21). Андешаҳои муаллиф бо овардани як иқтибос аз устод Айнӣ асоснок гардида, нақши матбуот дар саводнок намудани аҳолӣ инкор мегардад. Дар рисола мақсади ташкили матбуоти маҳаллӣ чунин арзёбӣ шудааст: “Воқеияти асл он аст, ки дар охири солҳои 1920 ва ибтидои даҳсолаи 1930 таваҷҷуҳи ҳукумати шӯравӣ ба матбуоти даврӣ бештар шуд ва ҳизби болшевикӣ матбуотро ҳамчун минбари мубориза дар татбиқи сиёсати худ шинохта буд. Аз ин рӯ, барои чопи нашрияҳои даврӣ тамоми имкониятҳоро фароҳам меовард” (саҳ.21).

Ба назари мо, диссертант дар ин хусус якҷониба баҳо додааст, зеро ҳадафи аслии ташкили матбуоти музофотӣ, бавижа ноҳиявӣ, пеш аз ҳама, аз лиҳози идеологӣ саводнок намудани ҷомеа буд ва баъдан тарғиби сиёсати ҳизб. Чаро ки барои тарғиби сиёсати ҳизб бояд аввал омма босавод бошад, танҳо шахси босавод қодир аст, ки сиёсатро тарғиб намояд. Яъне, ин ду факторро дар ҳамбастагӣ омили муҳимми ташкили матбуоти музофотӣ шинохтан мумкин аст.

Агар фаслҳои дуюму сеюми боби аввали диссертатсия ба таърихи пайдоишу ташаккули нашрияҳои “Зарафшон” ва “Файзи Зарафшон” марбут бошад, дар фасли сеюм “Паёми кӯҳистон – зодаи истиқлолияти

давлатии Тоҷикистон" ҳам аз лиҳози даврабандӣ ва муҳтаво фактҳои навро дарёфтан мумкин аст.

Дар боби дуюми рисола "Хусусиятҳои шакливу мундариҷавии матбуоти маҳаллии водии Зарафшон" пажӯҳиш гардида, гӯшзад мешавад, ки "таносуби шаклу мазмун дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи матбуоти даврӣ як хел набудааст. Агар дар марҳалаҳои аввали ташаккули нашрияҳои даврӣ эътибор бештар ба мазмун бошад, дар марҳалаҳои дигар. шакл низ тадриҷан эътибор пайдо мекунад. Дар замони муосир, бо шарофати пешрафти технологияи замонавӣ имконияти таҳияи тарҳои наву ҷолиб шаклсоз ба вуҷуд омадааст, ки аксари воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла нашрияҳои даврӣ барои аз онҳо истифода намудан кӯшиш мекунанд" (саҳ.81). Дуруст аст, ки шаклу мазмун бо ҳам пайванди ногустастанӣ доранд, , агар ба таври дигар гӯем, шакл ва мазмун, омили замонавӣ гардонидани матлаб будааст. Шаклро дар матбуоти даврӣ ба ду маънӣ метавон шинохт – формати рӯзномаву маҷалла, ороишу дизайн (шакли ҳунарӣ) ва ба маънии дуюм қолаби матн (шакли касбӣ ва ё ҳирфаӣ).

Дар ин фасл муҳаққиқ асосан, перомуни формат ва ороиши нашрияҳо, яъне шакли ҳунарӣ таҳқиқот анҷом додааст. Бино ба натиҷаи пажӯҳиш "дар муқоиса бо нашрияи "Меҳнат" дар ин солҳо ҳусни зоҳирии рӯзномаи "Зарафшон" ҷолибтару диққатҷалбкунанда аст" (саҳ. 99). Дар ҷараёни таҳқиқ шарҳи баъзе истилоҳи марбут ба ин котегория ҷой дода шудааст, ки барои дарки маънои ин истилоҳҳо ва раванди минбаъдаи пажӯҳиш кумак мерасонад. Овардани иқтибосҳо аз мутахасссону олимони соҳа Қандӣ Ҳусейн, Асадулло Саъдуллоев, Мурод Муродӣ ҷанбаи илмии боби мазкурро тақвият додаанд. Илова бар ин,

бозтоби мавзӯъҳои асосии нашрияҳои даврии мавриди пажӯҳиш дар зерфаслҳои алоҳида, таҳлилу баррасӣ гардидааст, ки аз нигоҳи илмӣ хуб аст.

Таҳлили нашрияҳои водии Зарафшон нишон медиҳад, ки ҳарчанд онҳо аз аносири умумии жанрӣ бархӯрдоранд, аммо таносубан ҳар як нашрия вижагиҳои хосро молик аст.

Ин нашрияҳо тӯли фаъолияти худ дар инъикоси воқеиятҳои гуногуни сатҳи маҳалливу ҷумҳурӣ ва баъзан ҷаҳонӣ, аз навъҳои гуногуни жанрҳои публитсистӣ истифода кардаанд. Ин масъала дар боби сеюми рисола бо номи "Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар нашрияҳои маҳаллӣ" мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар фаслҳои "Инъикоси воқеоти маҳал дар қолаби жанрҳои ахборӣ", "Шарҳ ва баррасии масъалаҳои музофот дар нашрияҳои алоҳида" бозтоби масъалаҳои хоҷагии қишлоқ, мактабу маориф ва фарҳанг дар қолабҳои гуногуни жанрҳои публитсистика баррасӣ гардидаанд.

Дар ин боб назария бо амалия пайванд мехӯрад, мисолҳо аз саҳифаҳои нашрияҳо ба хотири собит намудани фикр оварда мешаванд, иқтибосҳо аз сарчашмаҳо ва маъхазҳои муътамад, корбурди методҳои муқоиса ва омор, инчунин таҳлилу қиёс, проблемагузорӣ ва натиҷагирӣ ҷанбаи илмии диссертатсияро мукаммал намудаанд. Хулосаи боб реша бар умқи мавзӯи мавриди назар дорад.

Дар хулоса натиҷаҳои умумии кор дар 12 банд оварда шудааст, ки дар маҷмӯъ мазмуни асосии диссертатсияро бозгӯ мекунанд.

Дар маҷмӯъ, мавзӯи мавриди таҳқиқ ва масъалаҳои ба миён гузоштаи унвонҷӯ илмиву мантиқӣ буда, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш мушахас ва аниқ ба шакл даровaрда шудааст.

Таҳқиқоти мазкур арзиши баланди илмиву амалӣ дорад. Он дар илми рӯзноманигории тоҷик аз аввалин пажӯҳиши диссертатсионие мебошад, ки таҳқиқи нашрияҳои даврии маҳаллии навоҳии мушаххасро аз нигоҳи таърихӣ, вижагиҳои шакливу сохторӣ ва жанриву мундариҷвӣ фаро гирифтааст.

Мухтавои дисертатсия то ҷойе донишҳои назариявӣ ва амалии соҳаи рӯзноманигориро афзуда, дар ташаккули маърифати илмӣ ва амалии муҳаққиқони соҳа таъсири мусбат гузошта метавонад. Маводи таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаи рӯзноманигорӣ ва тадриси фанҳои таърихи журналистикаи тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, техника ва технологияи ВАО истифода кард.

Ҳамин тавр, дар такя мазмуни диссертатсия ва услуби таълифи кор гуфтан мумкин аст, ки муаллифи он Ғоибов Саъди Шокирович соҳиби қобилияти хуби дарки пажӯҳиш, дорои нерӯи мустақилонаи таҳқиқоти илмӣ, шеваи хоси баҳсу муҳокима ва ҷасорати дифоъ намудани мавқеи худ аст. Ӯ кори илмии хуберо ба анҷом расонидааст. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда хусусияти навгонӣ дошта, бо матни диссертатсия асоснок карда шудаанд.

Бо вуҷуди ин дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расид, ки дар пажӯҳишҳои оянда ба инобат гирифтани онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Яке аз хусусиятҳои илм қиёс ва натиҷагирӣ аст. Хуб мешуд дар "Мундариҷа" фасле бо номи "Муқоисаи матбуоти музофотии водии Зарафшон" илова ва маводи се нашрияи мавриди таҳқиқ аз лиҳози мавзӯъ, мухтаво, корбурди жанрҳо, вижагии ҳунари нигорандагӣ

муқоиса мешуд. Дар ин ҳолат, аз як тараф, баҳс ба миён меомад, аз тарафи дигар, дастабандии сатҳи нашрияҳо муайян мегардид, аз ҷониби сеюм, ҷанбаи пажӯҳиши мавзӯъ хислати бештари илмӣ касб мекард (саҳ.2).

2. Дар муқаддима, ба назари мо, «Муҳиммият ва мубрамияти мавзӯи таҳқиқ" бояд аз сархати "Нашрияҳои маҳаллӣ..." оғоз гардад. Бевосита оғоз намудани сухан аз мавзӯи мавриди таҳқиқ аз талаботи рисолаҳои замони нав аст (саҳ.3).

3. Агар дар бахши "ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ" нуктаи "баррасии ҳунари нигорандагӣ дар нашрияҳои мавриди назар", таъкид мешуд, вазифаҳо боз ҳам мушаххас мегардид.

4. Дар боби якум хислати нақл ва баёни публитсистӣ дар муқоса ба музокираҳои илмӣ афзалият пайдо кардааст (саҳ.13-67).

5. Дар матни диссертатсия аҳёнан ибораҳои сунъӣ ва хатоҳои имлоӣ ба назар мерасанд, амсоли **воқеиёти** ҳаётӣ, **таҳқиқотҳои** дар ин соҳа анҷомёфта, бори аввал масъалаи мазкур дар шакли **рисолавӣ** омӯхта шуда ва ғ.

Камбудиҳои баёншуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии дисертатсияро кам намекунанд. Унвонҷӯ вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст.

Диссертатсияи Ғоибов Саъди Шокирович "Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон" (дар мисоли нашрияҳои даврии водии Зарафшон) таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст.

Вай бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои

диссертатсионӣ ва тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманиорӣ сазовор аст.

**Муқарриз:**
Мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои филология, профессор С. Хоҷазод

Нишонии муассиса: 734003
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе. Хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: 992(+327)227 76 57
Нишонии саҳифаи расмӣ:
Saidmurod70@mail.ru
Тел.: (+992)93 855 5299

Имзои д.и.фил., профессор
Саидмурод Хоҷазодро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Д. Назаров
24.03.2021